«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_______________ Раҳмон Д.С.
«17» _____09_____ соли 2024

# ХУЛОСАИ

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба кори диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» Султонзода Исмоил Сафарали дар мавзуи «Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» Султонзода Исмоил Сафарали дар мавзуи «Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Султонзода Исмоил Сафарали 09.09.1988, дар шаҳри Кӯлоб дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Соли 2018 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси муаллими тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ хатм намудааст.

Номбурда аз соли 2018 ба ҳайси ассистент ва аз моҳи марти соли 2021 то инҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият карда истодааст.

Султонзода И.С. аз 17.03.2021 унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» мебошад.

Диссертант кори илмӣ-таҳқиқотии худро дар мавзуи «Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ» зери роҳбарии номзади

илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент Камолзода Сайфиддин ба анҷом расонидааст.

Ҷаласаи муштараки ғайринавбатии кафедраҳои педагогикаи умумидонишгоҳӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он суханронии довталаби дараҷаи илмӣ Султонзода Исмоил Сафарали дар мавзуи «Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ», хулосаи роҳбари илмии унвонҷӯй, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент Камолзода Сайфиддин ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштрокчиёни ҷаласаро шунида, ба чунин хулоса расид:

1. Ихтисос, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Исмоил Сафарали ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба *банди 3* – Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш) ва ба *банди 5* – Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи хонандагон дар марҳилаҳои гуногуни ба камолпедагогика расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоъҳои педагогии тарбия) ва ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад.

2. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дар мавзуи «Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ» ба самти афзалиятноки илми педагогикаи миллӣ – ташаккули ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои болоӣ робитаи бевосита дошта, ба амалисозии талаботи Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010, №560) аз соли 2011 инҷониб татбиқи он идома дорад, нигаронида шудааст.

Аз ҳамин мавқеъ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода И.С., ки дар беҳбуд бахшидан ба саломатии шаҳрвандони Тоҷикистон, афзоиши теъдоди афроди ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба таври доимӣ машғулшаванда, истеъмоли ғизои дуруст ва даст кашидан аз навъҳои гуногуни психостимуляторҳо мебошад.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, 7 мақолаи илмӣ, ки 4 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ, аз он ҷумла, мақолаҳои илмии зерини довталаб, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, ба мухтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат доранд:

[1-М] Султонов, И.С. Ташаккули тарзи ҳаёти солим бо дарназардошти махсусиятҳои равонӣ, ҷисмонӣ ва маънавии хонандагон [Матн] / Султонов И.С. //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - №3 (40). ISSN 2222-9809.- 2021 - С. 95-100.

[2-М] Султонов, И.С. Асоснокии самтгирии машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккулёбии тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ [Матн] / Султонов И.С. // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - №4 (41) ISSN 2222-9809. - 2021 - С. 39-46 (дар ҳаммуаллифӣ бо Камолзода Сайфиддин).

[3-М] Султонов, И.С. Вижагиҳои психофизиологии хонандагони синфҳои болоӣ [Матн] / И.С. Султонов //Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров. - № 3 (72) ISSN 2077-4990. – 2022 - С. 171-175.

[4-М] Султонов, И.С. Риояи қоидаҳои беҳдоштӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои болоӣ дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ [Матн] / Султонов И.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. - № 4 (29) ISSN 2077-4990. - 2022. - С. 238-242.

[5-М] Султонов, И.С. Махсусиятҳои равонии хонандагони синфҳои болоӣ [Матн] / Султонов И.С. //Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2020. – Кӯлоб, 2021. - С.271-274.

[6-М] Султонов, И.С Риояи қоидаҳои бехатарӣ аз тарафи хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди иҷрои машқҳои ҷисмонӣ [Матн] /М. Султонов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии «Талаботи замони муосир ба қобилиятҳои педагогӣ-психологии омӯзгор». – Душанбе: ҶДММ «Истиқлол», 29.04.2023. - С. 206 - 209.

[7-М] Султонов, И.С Матлуб будани сифатҳои руҳӣ-маънавии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди мусобиқаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва тарзи ҳаёти солим [Матн] /М. Султонов //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Проблемаҳои мубрами забони русӣ, масъалаҳои саводнокӣ ва оммавигардонӣ дар мактабҳои олӣ” (дар доираи «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”. - Кӯлоб, 2023. - С. 284 - 287.

4. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодкардаи довталаб дар раванди таълим дар синфҳои

болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 22-и ноҳияи Восеъ, МТМУ № 52-и н.Муъминобод, МТМУ №№1 ва 9-и шаҳри Кӯлоб гузаронида шуда, ба таҳқиқот беш аз 300 нафар хонандагони синфҳои болоӣ ва 17 нафар омӯзгор тавассути пурсишнома (анкета) баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тасвибу тасдиқ шудаанд. Санадҳои татбиқи натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии дар боло зикршуда мавҷуд буда, самаранокии муносибати босалоҳият ба таълим дар синфҳои болоиро собит карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаи муштараки ғайринавбатии кафедраҳои педагогикаи умумидонишгоҳӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он баррасӣ гардида, дар конференсияҳои ҳамасолаи илмӣ-методӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаҳои тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ дар байни донишҷӯён ва омӯзгорон ироа ва татбиқ шудаанд.

5. Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зуҳур меёбад, ки ӯ масъалаи таҳқиқоти диссертасиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, таҳқиқотҳои назариявӣ ва озмоиширо дар омезиши дуруст ба роҳ мондааст, маводи таҳқиқотро таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ карда, маҷмуи роҳу усулҳоро вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст, дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст, натиҷаҳои озмоиш ва коркардҳои бадастомадаро таҳлилилу арзёбӣ карда, оид ба мавзуи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот мақолаҳои илмӣ таҳия ва нашр кардааст. Дар чорабиниҳои илмӣ иштирок ва маърузаҳо карда, натиҷаҳои бадастомадаро ҷаъмбаст ва дар заминаи онҳо пешниҳоду тавсияҳои методӣ коркард ва манзур кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Исмоил Сафарали дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ муҳим ва аҳамияти мубрам дошта, довталаб дар раванди амалисозии мақсад ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда дар воқеъ ба навгониҳои илмии зерин ноил шудааст:

- дар асоси маълумоти бадастомада мо тавонистем, ки принсипҳои асосии фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмониро вобаста ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои болоӣ тасвия намоем: саривақтӣ будан (зарурати ташкил ва татбиқи амалии фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ дар марҳилаи барвақтӣ), худтанзимкунӣ (дар хонандагон ташаккул додани қобилияти танзими мустақилонаи рафтори ҳифзи саломатии худ), ташаббускорӣ,

баланд шудани сифати кӯшишҳои иродавӣ, маънодорӣ (дарки аҳамияти саломатӣ ва тарзи ҳаёти солим), мувофиқатнокӣ (корбурди муносибати инфиродӣ дар ҳалли ҳар як масъала), мансубият (зарурати ҳамкории муассир бо ҳамаи иштирокдорони раванди таълиму тарбия), мутобиқати фарҳангӣ, ки иттиҳоди арзишҳои шахсӣ ва фарҳангиро барои ҳавасмандии мусбат ба тарзи ҳаёти солим дар назар дорад;

- амсилаи фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ дар рафти таҷриба ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солим барои хонандагони синфҳои болоӣ эҷод гардид. Бо кумаки он, роҳу усулҳои фаъолияти ибтикории омӯзгор муайян ва тасвиб гардиданд, ки имкон медиҳанд ҳавасмандии мусбати хонандагони синфҳои болоӣ ба тарзи ҳаёти солим, ҳифзи саломатӣ, ба онҳо омӯзонидани маҳорати баҳодиҳии рафтори ҳаётӣ ва ҳамоҳангсозии он бо вижагиҳои гендерии одамон, анъанаҳои фарҳангии кишвар, минтақа дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ ва фаъолнокии беруназсинфӣ, аз ҷумла, эҷодкорӣ, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, фаъолияти илмию иҷтимоӣ инкишоф дода шаванд;

- шароити педагогие асоснок гардиданд, ки ба ташаккули сифатҳои арзишӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ, ки ба саломатӣ, тарзи ҳаёти солим нигаронида шудаанд, мусоидат мекунанд. Ба ин шартҳо инҳо дохил мешаванд: истифодаи техникаи ақлоние, ки фаъолияти зеҳнии мактаббачагонро фаъол мегардонанд;

- манфиати истифодаи амалияи соатҳои тарбиявӣ барои ташаккули муносибати мусбат ба тарзи ҳаёти солим ва саломатии хонандагони синфҳои болоӣ нисбат ба наздиктарин муҳити онҳо муқаррар карда шудааст. Ташаккули эҳтиёҷоти ҳаётии хонандагон бо назардошти мазмуни ҳавасмандии шахсият. Истифодаи технологияҳои ибтикории рақамӣ барои баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳифзи саломатӣ (дар қисмати воябандишуда);

- методологияи фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ эҷод карда шудааст, ки дар ростои он муттасилии фаъолияти педагогӣ барои ташаккули арзишҳои ҳаётӣ зарур аст. Асоси рафтори солимгардонӣ муайян карда шудааст, ки механизми ҷалби инфиродии хонандагони синфҳои болоӣ ба тарбияи ҷисмонӣ, варзиш, чорабиниҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ, фаъолияти эҷодӣ ва илмӣ бо назардошти тафовутҳои гендерӣ, вижагиҳои фарҳангӣ, психологӣ ва ҷисмониро таъмин менамояд.

Ҷаласаи муштараки ғайринавбатии кафедраҳои педагогикаи умумидонишгоҳӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он, суханронии довталаби дараҷаи илмӣ Султонзода Исмоил Сафарали,

хулосаи роҳбари илмии унвонҷӯй, номзади илмҳои педагогӣ, и.в., дотсент Камолзода Сайфиддин ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштрокчиёни ҷаласаро шунида,

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» Султонзода Исмоил Сафарали дар мавзуи «Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, кори мустақилона баанҷомрасидаи илмӣ буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ ~~дониста~~ шавад.

2. Диссертатсияи Султонзода Исмоил Сафарали дар мавзуи «Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ» барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи муштараки ғайринавбатии кафедраҳои педагогикаи умумидонишгоҳӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он-и МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» аз 17-уми сентябри соли 2024, протоколи №1/1 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 14 нафар, аз он ҷумла, 2 нафар намояндагон аз Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ки Шурои диссертатсионӣ дар назди он амал мекунад. Натиҷаи овоздиҳии кушод: «тарафдор» – 14 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», номзади илмҳои педагогӣ, и.в., дотсент — Назаров Ҳ.С.

Котиби ҷаласа,
муаллими калон — Шоимардонов Х.Н.

“Имзоҳои Назаров Ҳ.С., ва
Шоимардонов Х.Н., – ро тасдиқ менамоям”.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj